«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
генерал – майори милитсия
__________________Насуриён П.А.
«_05_»___12._______соли 2024

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба рисолаи илмии Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Рисолаи илмии Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Ба даст овардани Истиқлолияти комили сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як гардиши куллӣ ва таҳаввулоти азимеро дар самти таҳким ва густариши давлатдории миллӣ ба амал баровард.

Ислоҳоти муосири мурофиаи ҷиноятӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла

тағйирот дар хусуси ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, принсипҳои мурофиаи судӣ ва исботкунӣ ва ғ. аз руйдодҳои таърихӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин ҷост, ки ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо назардошти инкишофи зиёди падидаҳои гуногуни мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳимро касб намудааст. Мавриди зикр аст, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти давлатӣ, ки пеш аз ҳама зарурати ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини қонуниятро рӯйи кор меорад, ин соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад.

Унвонҷӯ дар рисола масоили мазкурро бамаврид асоснок намуда, менависад, ки: «мурофиаи яке аз роҳҳои асосии ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс эътироф шудааст ва ба принсипҳои асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ, ба монанди мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳамаҷониба, пурра ва холисона муайян кардани ҳолатҳои кор, эҳтимолияти бегуноҳӣ ва ғ. такя менамояд».

Дар ин асно, падидаи исботкунӣ дар таъмини ин масъалаҳои воқеан арзишманд нақши муассир дорад. Зеро исботкунӣ аз зумраи зуҳуротҳое ба шумор меравад, ки дар назария ва амалияи мурофиаи ҷиноятӣ аҳаммияти бунёдиро касб намудааст. Табиист, ки дар замони тағйиротҳои муосир дар қонунгузорӣ ва амалияи судӣ, ҳамчунин бо назардошти таъсири технологияи нав ба амалҳои тафтишӣ ва мурофиавӣ, мушкилоти исботкунӣ боз ҳам шадидтар мешаванд. Бахусус, истифода шудани далелҳои электронӣ, масъалаи қобили қабул будани далелҳои нав ва баҳогузории муносиби онҳо, тадқиқоти мувофиқ ва муфассалро талаб менамояд. Гузашта аз ин, тамоюлҳои муосир дар бахши ҳуқуқи инсон ва стандартҳои байналмилалии адолати судӣ тақозо менамоянд, ки фаъолияти исботкунӣ дар заминаи принсипи ҳамаҷониба, пурра ва холисона муайян кардани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятнок ба амал бароварда шаванд. Танҳо дар чунин шароит шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гумонбар дониста мешавад, бояд ҷазо дода шавад.

Мавзуи тадкиқоти диссертатсионӣ, ки аз ҷониби унвонҷӯ пешниҳод шудааст, дар заминаи муосири илмӣ ва амалӣ хеле муҳим аст, зеро масъалаҳои исбот дар баррасӣ, тафтиш ва ҳаллу фасли парвандаҳои ҷиноятӣ накши калидӣ доранд. Аз сохтори таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум мегардад, ки муаллиф тамоми паҳлуҳои баҳсноки институти исботкуниро мавриди омӯзиш қарор додааст, бахусус масъалаи ҳақиқат. Ҳақиқат чун категорияи фалсафӣ-ҳуқуқӣ таърихи пурпечутобу мураккаб дорад. Муаллиф онро аз нигоҳи фаҳмиши ҳозираи назариявию амалӣ таҳлил намуда, табиати ҳуқуқии онро дар асоси муқарраротҳои амалкунандаи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор намудааст.

Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар робита ба ин масъала дуруст саволгузорӣ намудааст: «Агар мақсади исботкунӣ дар муқаррар кардани ҳақиқат ифода ёбад, пас дар кадом маврид гуфтан мумкин аст, ки ҳақиқат вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ муқаррар гардидааст?» Дар ҳамин ҳол, муаллиф дар сатҳи амалия пойдор намудани ҳақиқатро шарҳ дода менависад, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ муқаррар намудани ҳақиқат хоҳ мутлақ бошад хоҳ нисбӣ аз ҷинояти содиргардида, амалҳои бамаврид ва пайдарҳамии низомноки субъектони исботкунӣ вобастагӣ дорад. Яъне, дар бархе аз ҷиноятҳои содиргардида ҳақиқат метавонад, мутлақ ё нисбӣ муқаррар карда шавад.

Кори анҷомгардида дар таҳлили амиқи руйкардҳои мавҷуда вобаста ба падидаи исботкунӣ рӯйи кор омадааст, ки аз заминаи боэътимоди назариявии муаллиф шаҳодат медиҳад. Саҳми асосии илмии муаллиф дар пешниҳодҳои назариявӣ, амалӣ ва такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ифода мегарданд, масалан, пешниҳод кардани таърифи муаллифонаи исбот бо ба инобат гирифтани тағйиру иловаҳои воридшуда, сарҳад гузоштани миёни субъекти исботкунӣ ва субъектони дорои исботкунӣ, таснифбандии субъектони исботкунӣ дар асоси КМҶ ҶТ, дар заминаи такмилёбии меъёрҳои диспозитивӣ муайян намудани мақоми суд дар раванди исбот ва ғ. Ҳамчунин, саҳми илмии муаллиф дар

теъдоди пешниҳодҳои судманде, ки дар таҳқиқот инъикос ёфтаанд, таҷассум мегардад.

Ҳамин тариқ, рисолаи муаллиф дорои навгониҳо, аслият ва раҳёфти низомнокӣ буда, дар шароити ҳозира мубрам ва муҳим арзёбӣ мешавад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он таҷассум меёбад, ки ин нахустин пажӯҳиши комили илмӣ ба забони тоҷикӣ таҳияшудае мебошад, ки ҷанбаҳои мухталифи исботро, ба монанди ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо, далелҳои электронӣ, ҳақиқат, субъектони исботкунӣ ва таснифбандии онҳо, истифода гардидани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ва ғ., бо дарназардошти мушкилотҳои муосири илмию амалӣ рӯйи кор овардааст. Дар рисолаи илмии мазкур, таҷрибаҳои муосири миллӣ ва хориҷӣ, инчунин маълумотҳои омории кишвар вобаста ба масъалаҳои исботкунӣ, ки дар адабиёти илмӣ ва парвандаҳои ҷиноятӣ мавҷуданд, оварда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо ҷиҳати тақвияти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба падидаи исботкунӣ равона гардидаанд.

Муаллиф на танҳо назарияҳо ва усулҳои умумимаъмули мавҷударо истифода намудааст, балки ғояҳои нави консептуалиро пешниҳод намуда, фаҳмиши раванди исботро аз нигоҳи бахшҳои гуногун бо изҳори назари дигар манзур кардааст. Чунончи, муаллиф қайд менамояд, ки зуҳуроти даркнамоӣ ҳодисаи ҷиноятро ба назари эътибор гирифта, изҳор намудан мумкин аст, ки исботкунӣ аз фаъолияти муттаҳидшудаи амалӣ (ҷамъоварӣ ва тафтиш намудани далелҳо) ва равонӣ-ақлонӣ (баҳодиҳии далелҳо) иборат мебошад. Зимнан бояд қайд намуд, ки қисмати фаъолияти равонии исботкуниро вобаста ба . коркарди усулҳои самараноки дарёфт ва ҷамъоварии далелҳо, ҳамчунин ташаккул додани онҳоро илми мантиқ меомӯзад.

Навгонии дигаре, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бараъло ба назар мерасад – ин муайян намудани субъектони исботкунӣ (субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ) ва таснифбандии онҳо мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав мебошад. Дар ҳошияи суханони иброзшуда, бархе аз навгониҳои таҳқиқоти диссертатсиониро пешниҳод намудан ба мақсад мувофиқ аст:

а) дар нуқтаи шашуми пешниҳодҳое, ки хусусияти назариявӣ доранд, муаллиф унсурҳои исботро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода, паҳлуҳои мубоҳисавии онро бо назардошти руйкардаҳои нави назариявӣ таҳлил намудааст. Аз ҷумла, аз ҷониби муаллиф зикр мегардад, ки маҳз ҷанбаи сирф фаъолияти равонӣ баҳодиҳиро аз ҷамъоварӣ ва тафтиш намудани далелҳо вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ тафриқа менамояд. Баҳодиҳӣ дар фарқият аз ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо аз ҷанбаҳои эмпирикӣ ва амалҳои ҷисмонӣ (физикӣ) орӣ мебошад (саҳ. 13). Сониян, муаллиф дар ин хусус мавқеи худро дар рисола равшан намуда, қайд менамояд, ки аз нигоҳи назариявӣ ва рафти фаъолияти онҳо тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо аз якдигар фарқ доранд, вобаста ба ҷанбаҳои амалиявӣ бошад, байни ин ду зуҳурот фарқ гузошта намешавад (саҳ. 135-136).

б) дар нуқтаи сеюми пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ равона гардидаанд, унвонҷӯ чунин изҳори ақида дорад, ки бо мақсади рафъ намудани мушкилотҳои ҷойдошта вобаста ба падидаи иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, хусусан боби 4, инчунин мубин нишон додани суд ҳамчун иштирокчии марказии мурофиаи судии ҷиноятӣ дар сатҳи қонунгузорӣ зарур аст боби 4 КМҶ ҶТ таҷдиди назар карда шуда, дар таҳрири зерин манзур карда шавад: «иштирокчие, ки функсияи ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятиро анҷом медиҳад». Баъдан зарур аст, ки судро ҳамчун иштирочии мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ин боб ишора намуд (саҳ. 14).

Дар диссертатсия муаллиф асоснок менамояд, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчиёни мурофиаро

аз рӯйи функсияҳои мурофиавиашон тақсим намудааст, масалан, боби 5 КМҶ (иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятие, ки таъқиби ҷиноятиро анҷом медиҳанд) ё ин ки боби 6 КМҶ (иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ё намояндагиашонро ҳимоя менамоянд). Аммо, дар мавриди суд бошад, ин субъекти марказии мурофиаи ҷиноятӣ аз рӯйи функсияи мурофиавии худ тақсим нагардидааст. Аз ин хотир, муаллиф пешниҳод менамояд, ки боби 4 КМҶ ҶТ «иштирокчие, ки функсияи ҳаллу фасли парвандаи ҷиноятиро анҷом медиҳад» номгузорӣ карда шавад.

Гуфтан мумкин аст, ки муаллиф дар доираи рисолаи мазкур на танҳо мафҳумҳо, зуҳуротҳо ва ғояҳои назариявии мавҷударо ғанӣ гардонидааст, балки раҳёфтҳои тозаву ба мақсад мувофикро пешниҳод намудааст, ки ҷиҳати тақвияти падидаи исботкунӣ ва дар умум илми мурофиаи ҷиноятӣ заминаи устувор мегузоранд.

Сарфи назар аз сифат ва иқтидори баланди натиҷаҳои бадастомада, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, якчанд ҷанбаҳои баҳснокро ишора намудан мумкин аст, ки таҳлили амиқу фарогирро талаб менамоянд:

1. Истифода гардидани вожаи «исботкунӣ» аз ҷониби муаллиф дар мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти имлои забони тоҷикӣ баҳснок аст. Агар ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, дар матнҳои он калимаи «Исбот» истифода гардидааст. Бо мақсади возеҳу равшан намудани ин масъала, ақидаи иловагии муаллиф талаб карда мешавад.

2. Дар саҳ. 138 диссертатсия муаллиф як зумра ҳолатҳоеро ишора намудааст, ки баҳри аз байн бурдан ё коҳиш додани иштибоҳҳои мурофиавӣ аз ҷониби субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ гузаронидани як қатор чорабиниҳои ташкили-ҳуқуқӣ зарур аст: а) то андозае баланд бардоштани шуури ҳуқуқии субъектони бо қонун ваколатдоршуда, ки пеш аз ҳама дар баровардани қарорҳои қонунӣ ва асоснок ифода меёбанд; б) баланд бардоштани сифатҳои зарурии касбӣ ва

ахлоқии субъектони босалоҳият дар раванди исботкунӣ, ки дар қабул намудани қарорҳои мурофиавӣ нақши бориз доранд; в) пурзӯр намудани ҷавобгарии инфиродии субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ, дар симои таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя (ҷавобгарии интизомӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ); г) пурзӯр намудани назорати ташкил ва гузаронидани курсу семинарҳои мақсадноки субъектони дорои уҳдадории исботкунӣ. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар ин ҳолатҳо дар қисмати пешниҳодҳое, ки хусусияти амалӣ доранд, инъикос карда мешуданд.

3. Дар саҳ. 124 диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки м. 86 КМҶ ҶТ боздид ва аз нав мавриди омӯзиш қарор дода шавад. Зеро механизми ҷамъ овардани далелҳо ва минбаъд пешниҳоди далелҳо аз ҷониби ҳимоятгар дар КМҶ пешбинӣ нашудааст. Яъне, равшан нест, ки чӣ гуна ҳимоятгар далелҳои худро ба субъектони уҳдадории исботкунӣ (таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор) пешниҳод менамояд. Дар ҳамин ҳол, саволе ба миён меояд, ки магар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон механизми ҷамъ овардани далелҳо ва минбаъд пешниҳоди далелҳоро аз ҷониби ҳимоятгар пешбинӣ накардааст? Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки мавқеи худро дар ин хусус возеҳу равшан намояд.

Бояд тазаккур дод, ки эродҳои инъикос гардида ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири манфӣ нарасонида ва арзиши илмии онро коста намегардонад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Муаллифи диссертатсия Мадвализода Комёр Мадвалӣ роҷеъ ба мавзуи таҳқиқоти илмӣ 11 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки 5 он дар маҷаллаҳои тақризшаванда рост меоянд. Гузашта аз ин, муҳаққиқ дар робита ба ҷанбаҳои мухталифи мавзуи диссертатсия дар як қатор семинарҳову конференсияҳои сатҳи ҷумхуриявию байналмилалӣ ба ҳайси маърӯзачӣ баромад намудааст. Хусусан, дар конференсияи ҷумҳуриявӣ: ««Роль судьбоносной XVI сессии Верховного Совета Республики

Таджикистан в укреплении национальной государственности и развития законодательства» – маърӯза дар мавзуи «Соотношение процессуального познания и доказывания» (Душанбе, 2017); «Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Баъзе масъалаҳои назариявии ҷамъ овардани далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ» (Душанбе, 2019); «Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 10 - соли амал, мушкилот ва дурнамо» – маърӯза дар мавзуи «Предмети исботкунӣ вобаста ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нисбати ноболиғон» (Душанбе, 2020) ва ғайра.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мутобиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, хусусан мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ гардидааст.

**Мутобиқати тахассусии илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми мустақими муаллифро тасдиқ менамоянд. Гузашта аз ин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро собит менамояд.

Ҳамин тавр, Мадвализода Комёр Мадвалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Тақризи мазкур дар асоси муқарраротии мавҷуда, бахусус бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо

тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферати он дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар семинар 13 нафар иштирок намуданд: «тарафдор» 13, «нест», «бетараф» нест. Протоколи семинари илмӣ – назариявӣ аз 28-уми ноябри соли 2024, таҳти №3 б.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Тоҳирзода Олимҷон Тоҳир – профессори кафедраи ташкили тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии факултети №6, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси – 12.00.09) омода шуда, дар маҷлиси кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Суратмаҷлиси кафедра аз 28 ноябри соли 2024, №3 б. Дар ҷаласаи кафедра аз 13 нафар иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
подполковники милитсия Нарзуллозода С.С.

**Ташхисгар:** профессори кафедраи ташкили
тактикаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии
факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
полковники милитсия Тоҳирзода О.Т.

**Котиби ҷаласа:**
Профессори кафедраи мурофиаи ҷиноятии
факултети №2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Муҳитдинзода Н.М.

«Имзои Нарзуллозода С.С., Тоҳирзода О.Т.,
ва Муҳитдинзода Н.М. -ро тасдиқ менамоям»
муовини сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Камолӣ З.Б.
«29» 11 соли 2024

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб-сомона: www.avkd.tj; Email: avkdtj@mail.ru